**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 20.09.2025, №31**

Дар бораи сазовор донистани Аламурадова Робия Аланазаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти № 18/шд тамдидшуда) аз 24-юми июни соли 2025, суратмаҷлиси № 22 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Аламурадова Робия Аланазаровна 17 августи соли 1993 таваллуд шудааст. Аламурадова Робия соли 2016 факултети филологияи Шарқи Донишкадаи Исломии Тоҷикистон ба номи Имом Аъзам – Абуҳанифаро бо дипломи аъло хатм карда, дипломи дараҷаи бакалаврро аз рӯйи ихтисоси «филологияи забон ва адабиёти араб» соҳиб гаштааст.

Соли 2018 шуъбаи магистратураи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро хатм намуда, соҳиби дипломи дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси 1М-23.01.02 - Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ гардид.

Аламурадова Робия Аланазаровна соли 2018 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)-и кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дохил шуда,онро соли 2022 хатм намудааст.

Аз моҳи ноябри соли 2017 ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ дар Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П. Буйдоқови ноҳияи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 13.04.2020, тахти қарори № 300/4 – 8 тасдиқ шудааст.

Маълумотнома оиди хатм ва супоридани имтиҳонҳои доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, 6D021300 – Забоншиносӣ (- 6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ (транскрипт) №30001/23-92, санаи 03.03.2022 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Аламуродова Робия Аланазаровна дар ҷаласаи кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 18 – апрели соли 2025, № 9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ –**номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳмон Наргис Шариф –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Олматова Шарофат Сафаралиевна –** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва типологияи англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Гуламадшоев Шокиршо Шерзодович ва ташхисгар номзади илмҳои филологӣ, Муродзода Бахриддин, котиби илмии ҷаласа номзади илмҳои филологӣ Давлатзода Файзиддин Ҷамил бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Мунир Ватан тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Аламуродова Робия Аланазаровна кори ба анҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраротӣ бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок

менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

1. **Аламурадова, Р. А.** Баъзе хусусиятҳои морфологии калимаҳои ифодакунандаи “тааҷҷуб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / А.Р. Аламурадова// Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020, № 3 (86). – С. 67 -71. ISSN 2219-5408.
2. Ахмаджонова, Н.И. Фразеологические единицы с концептом «Страх» в русском и таджикском языках [Текст] / Н.И. Ахмаджонова, **Р.А. Аламурадова** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2024, № 2 (54). – С. 11-16. ISSN 22269355
3. **Аламурадова, Р.А.** Тафаккури забонӣ шакли олии психика мебошад [Матн] / А.Р. Аламурадова// Ахбори Академияи Миллии Илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, № 4 (261). – С. 254 – 258. ISSN 2076-2569.
4. **Аламурадова, Р.А.** Тобишҳои маъноии вожаи «тааҷҷуб/surprise» дар забоншиносӣ [Матн] / А.Р. Аламурадова// Паёми Донишгоҳи миллӣ. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе,2025, №2 С.69-75
5. **Аламурадова, Р.А.** Таҳлили лексикию маъноии калимаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. [Матн] / А.Р. Аламурадова// Паёми Донишгоҳи забонҳо. Душанбе,2025, №1 С.120-127

**Б) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

6. **Аламурадова, Р.А.** Образование слов в таджикском и английском языках [Матн] / Р.А. Аламурадова // Масъалаҳои актуалии филология ва методикаи таълими забонҳо. – Душанбе, 2021. – С. 77-84. ISBN 978-99975-44-93-3
7. **Аламурадова, Р.А.** Семантико-словообразовательный анализ терминологии туризма в таджикском и английском языках [Матн] / Р.А. Аламурадова // Масъалаҳои актуалии филология ва методикаи таълими забонҳо, 2017. – С. 376-385. ISBN 978-99975-44-93-3
8. **Аламурадова, Р.А.** Языковая подготовка выпускника высшей школы [Матн] / Р.А. Аламурадова // Масъалаҳои актуалии филология ва методикаи таълими забонҳо, 2017. – С. 167-174.
9. **Аламурадова, Р.А.** Управления эмоциональностью при концепты «удивление» в русском языке [Матн] / Р.А. Аламурадова // Масъалаҳои

актуалии филология ва методикаи таълими забонҳо, 2020. – С. 202-206. ISBN 978-99975-44-93-3

10. **Аламурадова, Р.А.** Лексический анализ поля слова «удивление/ surprise» в таджикском и английском языках [Матн] / Р.А. Аламурадова // Маводи конференсияи байналмилалӣ «Забони русӣ — забони сулҳ ва муошырати байни миллатҳо» 31 октябри соли 2023 . Душанбе, 2024. – С. 257-263. ISBN 978-99985-70-39-9
11. **Аламурадова, Р.А.** Нақши оҳанги калима ҳамчун унсури муҳимми тааҷҷуб дар забон [Матн] / Р.А. Аламурадова // Масъалаҳои тарҷума ва тарҷумашиносии тоҷик: Вазъият ва дурнамо. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ 28- уми ноябри соли 2023. Душанбе, 2023. – С.311. ISBN 978-99985-41-77-1
12. **Аламурадова, Р.А.** Семантические особенности прилагательных amazing и awesome, вербализующих эмоциональный концепт «восхищение» в современном английском языке [Матн] / Р.А. Аламурадова // Международная научно-практическая конференция на тему: «Русский язык в современном биллингвальном пространстве» 14 -15 июня 2023 года. Душанбе, 2023. – С. 15-18. ISBN987-0008590960

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**1**. Тақризи Шердилова Сурайё Фармонбековна – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кормандони соҳаи маориф мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А). Дар зербоби сеюми боби якуми гунаи русии автореферати диссертатсия саҳ 12 мисол бо забони тоҷикӣ оварда шуда, шакли тарҷумаи он аз нигоҳи муқоиса асоснок карда нашудааст.

Б). Дар матни автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, ва техникӣ ба назар мерасад, киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Тақризи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна, номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода мусбат буда, ба автореферат эрод надорад.

Тақризи доктори фалсафа PhD доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 021302 – Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, декани факултети кори фармасевтии Коллеҷи тиббии ноҳияи Б.Ғафуров Мавлонов Шаҳзод Олимович мусбат буда, ба автореферат ягон эрод надорад.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– роҳҳои маъмултарини истифодаи калимаҳои ифодакунандаи **«тааҷҷуб/surprise»** ҳамчун намуди эҳсосот дар ду забон ва хусусиятҳои таркибӣ ва маъноии онҳо мавриди пажуҳиш, коркард ва таҳлил қарор дода шудааст**;**

- вижагиҳои луғавӣ– маъноӣ ва равишҳои ташаккулёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ **ошкор карда шудааст**.

- хусусиятҳои маъноӣ ва мафҳумии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» ҳамчун намуди эҳсосот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо мақсади ошкор ва пайдо намудани умумият ва фарқияти онҳо аз якдигар **муқаррар гаштааст.**

- вижагиҳои сохтории ташаккулёбии калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **муайян гаштааст.**

**Аҳаммияти назарияви таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки таҳқиқоти мазкур бо таҳия ва коркард метавонад роҳу усулҳои навро дар низоми махсуси луғавӣ– маъноӣ ва калимасозӣ инъикос намояд, чунки дар дохили он муносибатҳои зинавӣ бо назардошти истифодаи усулҳои забономӯзӣ аз мафҳуми вожа сар карда, то мавқеи он дар сохтори забон пурра таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия**, дар он инъикос мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқи мавриди назар барои мураттаб сохтани роҳнамоҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ доир ба фанни «Забоншиносӣ», барои тартиб додани луғатномаҳо, ҳамчунин барои тарҷумаи назариявӣ ва амалӣ барои курсҳои лексионӣ оид ба забоншиносии забонҳои муқоисашаванда, барои типологияи забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва дигар забонҳо, барои навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ мусоидат менамояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки** натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки калимаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забони тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ бо ёрии вожаҳо ва қолабҳои алоҳида, бо муқоисаи хусусиятҳои сохторӣ– маъноии онҳо пурра ва возеҳу равшан ифода ёфтааст.

Ҳангоми таълифи диссертатсия асосҳои муҳимми назаривии таҳқиқро асарҳои махсуси олимони тоҷик, англис ва рус ташкил доданд, ки дар соҳаи забоншиносӣ корҳои назаррас анҷом додаанд. Забоншиносон ба монанди Л.Л. Нелюбина, Н.Д. Андреева, В.Д. Аракина, Л.А. Чернишова, В.П. Даниленко, Л.М. Алексеева, К.Я. Авербух, олимони хориҷӣ ба монанди Дж. Лайон, Дж. Лакофф, Расторгуева Т.А, Иванова И.П., Илиш Б.А., Сорокина Т.С., Аракин В.Д., Хлебникова И.Б., Беляева Т.М.,Чахоян Л.С. Карл Бруннер, ва олимони тоҷик дар соҳаи забоншиносӣ ба монанди Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, Д. Саймиддинов, М.Б. Султонов, М. Саломов, Н. Шаропов ва дигарон корҳои илмии худро маҳз дар соҳаи

таҳқиқоти вожашиносӣ ва сарф собит намудаанд.

Дар диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти вожаҳои ифодакунандаи «тааҷҷуб/surprise» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ як қатор шабоҳат ва тафовутҳо ошкор шудаанд.

Инчунин, дар низоми луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал мавзуи омӯзиши амиқтари низоми қиёсию типологӣ қарор мегирад, ки дар он хусусиятҳои луғавӣ– маъноӣ ва сохторӣ– грамматикии лексикаи забонҳои мавриди омӯзиш ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо баррасӣ мешавад. Бори аввал хусусиятҳои муқоисавию типологии «тааҷҷуб/surprise» дар таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда нишон дода шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мазкур бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад. Таҳлили вожагони ифодакунандаи «**тааҷҷуб/surprise**» дар забонҳои тоҷикӣ ва муқоисаи он бо забони англисӣ низ ошкор шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 20-уми сентябри соли 2025, №31 дар бораи сазовор донистани диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии “тааҷҷуб/surprise” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ– таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 10 нафар овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

## ҚАРОРИ
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

аз 20.09. 2025 ш. Душанбе

Баромади Аламурадова Робия Аланазаровна «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии “тааҷҷуб/surprise” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ– таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, баромади муқарризони расмӣ – Раҳмон Наргис Шариф – доктори илмҳои филологӣ,

профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олматова Шарофат Сафаралиевна – номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи назария ва типологияи англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, муқарризони ғайрирасмӣ докторони илм, профессорон Каримов Шуҳрат Бозорович, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна ва дотсент Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевнаро шунида, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Аламурадова Робия Аланазаровна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Аламурадова Робия Аланазаровна «Таҳлили лингвистии майдони луғавиву семантикии “тааҷҷуб/surprise” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ– таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Аламурадова Робия Аланазаровна дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ– таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дода шавад;

4. Барои додани дипломи доктори фалсафа (PhD) ба Аламурадова Робия Аланазаровна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 10 нафар; Муқобил нест; Бетараф нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

20-уми сентябри соли 2025